«ТАСДИҚ МЕКУНАМ»
Ректори Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ, доктори илмҳои таърих, профессор
________ Ибодуллозода А. И.
«27» декабри соли 2024.

# ТАҚРИЗИ

**муассисаии пешбар ба диссертатсияи Фатулоҷони Умарзода дар мавзуи «Ҳумоми Табрезӣ ва хусусиятҳои ғоявию бадеии ғазалиёти ӯ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.01.01 – Адабиёти тоҷик; равобити адабӣ**

**Мутобиқати муҳтавои диссертатсия ба ихтисос ё соҳаи илм.** Диссертатсияи номзадии Фатулоҷони Умарзода дар мавзуи «Ҳумоми Табрезӣ ва хусусиятҳои ғоявию бадеии ғазалиёти ӯ» ба банди 5-уми бахши «Соҳаҳои таҳқиқот»-и шиносномаи ихтисоси илмии 10.01.01 – Адабиёти тоҷик; равобити адабӣ мувофиқат мекунад.

Дар адабиёти илмии то имрӯз мавҷуда аз Ҳумоми Табрезӣ ҳамчун шоири ғазалсаро дар таърихи адабиёти форсии тоҷикӣ ном бурда мешавад. Саҳми ин шоирро дар инкишофи ғазал аксари тазкиранависон ва муҳаққиқони муосир тасдиқ кардаанд ва дар ғазалсароӣ ӯро ҳамчун пайрави Саъдии Шерозӣ зикр кардаанд. Ин ҳам гуфта мешавад, ки Ҳумоми Табрезӣ бо Саъдӣ натанҳо ҳамаср аст, балки Ҳумом бо ӯ вохӯрдааст ва бо ҳам суҳбатҳо доштаанд. Аммо то ба имрӯз барои аҳли таҳқиқ ҷойгоҳи ин шоири ғиногӯ дар таърихи адабиёти форсии тоҷикӣ ба таври илман асоснок таъйинношуда боқӣ монда буд. Аз ин рӯ, барои таҳқиқи алоҳида аз тарафи диссертант. Ф. Умарзода интихоб ва таҳқиқ шудани мавзуи мазкур шоёни дастгирӣ мебошад

Теъдоди умумии абёти девони шоир 3944 байт мебошад, ки аз ин миқдор 145 байт ба арабӣ ва 3799 байт ба забони форсии тоҷикӣ суруда шудаанд. Гузашта аз ин, тибқи ишораи диссертант қариб ҳамаи ғазалҳои шоир бо камоли ҳунари шоирӣ суруда шудаанд.

Таркиби жанрии девони шоир чунин аст, ки дар он 220 ғазал, 45 қасида, 37 қитъа, 98 рубоӣ 35 фард ва 1 тарҷеъбанд дар сӯги Шамсиддини Соҳибдевон ҷой доранд. Ҳамчунин, дар девони ӯ ду маснавии ӯ бо номҳои «Суҳбатнома», ҳовии 337 байт дар баҳри ҳазаҷи мусаддаси маҳзуф ва дигаре «Китоби маснавиёт», дар баҳри хафиф, 558 байт дар пайравии "Ҳадиқа"- и Саноӣ ҷой доранд.

Ғазалиёти Ҳумоми Табрезӣ, тибқи овардаи диссертант, аз ҷиҳати шаклу сурат, вазн, қофия, радиф ва миқдори абёт ҳамон ғазали пешиниёнро мемонад. Аз 220 ғазале, ки дар девони шоир ҷо дорад, 1 ғазали дубайтӣ, 2 ғазали себайтӣ, 5 ғазали чорбайтӣ, 12 ғазали панҷбайтӣ, 13 ғазали 6 байтӣ, 43 ғазали ҳафтбайтӣ, 34 ғазали ҳаштбайтӣ, 70 ғазали нуҳбайтӣ, 14 ғазали даҳбайтӣ, 13 ғазали ёздаҳбайтӣ, 6 ғазали дувоздаҳбайтӣ, 2 ғазали сенздаҳбайтӣ ва 1 ғазали понздаҳбайтӣ мебошад.

Назар ба таҳқиқи диссертант, дар миёни ғазалҳои Ҳумоми Табрезӣ дар 145 ғазал тахаллус дар байти мақтаъ зикр гардидааст. Дар 15 ғазали дигар тахаллус дар байтҳои пеш аз мақтаъ омада ва 50 ғазали дигар бе тахаллус буда, ду ғазал матлаъ надорад.

**Саҳми шахсии довталаб дар ҳалли масъалаҳои илмӣ ё коркарди проблемаи илмӣ бо арзёбии аҳаммияти он.** Масъалагузориҳои мушаххаси илмӣ, таъйиди мубрамияти мавзуъ, масоили мавриди таҳқиқ, навгониҳо ва сарчашмаҳои пажӯҳиш, аҳаммияти назарию амалии он, ҳамчунин, нуктаҳои асосии ба ҳимоя пешниҳодшаванда, хулосаю натиҷагириҳои муҳаққиқ, дар маҷмуъ, саҳми шахсии ӯро нишон медиҳанд. Ҳамчунин, омӯзиши диду назарҳои муҳаққиқони ватанию хориҷӣ дар робита ба мавзуи мавриди таҳқиқ, таҳлилу таҷзия, баҳсҳо ва пешниҳоди дидгоҳҳои дигар, нашри мақолаҳои алоҳидаи илмӣ дар робита ба мавзуи диссертатсияро ҳам метавон саҳми шахсии диссертант ҳисоб кард. Муносибати инфиродии назарӣ ва методологии муаллиф дар ҳалли як қатор масъалаҳои марбути суннати ғазалсароӣ дар таърихи адабиёти тоҷик мусоидат менамояд. Тибқи андешаи диссертант, Ҳумоми Табрезӣ шоирест, ки қолаби ҳунарсозаҳои масдуди гузаштагонро шикаста, ба воситаи ошноизудоӣ ба сухани дигарон либоси нав пӯшонида ва ба ин восита мативҳои зиёде офаридааст.

Дар кул, зикр кардан бамаврид аст, ки дар диссретатсия Фатулоҷони Умарзода як қатор масъалаҳои марбути суннатҳои ғазалсароӣ дар адабиёти тоҷик, аҳволу осори Ҳумоми Табрезӣ, нусхаҳои девони ӯ ва нақши ӯ дар шаклгирӣ ва инкишофи ғазали форсии тоҷикӣ ба таври комилу мантиқӣ дар бобу фаслҳои диссертатсия дастабандӣ ва баррасӣ шудаанд. Махсусан, масъалаҳои маъниофарии шоир дар қолаби ғазал, равшан сохтани мақоми ғазал ва анвои бадеии он дар эҷодиёти шоир, таҳқиқи муфассалу фарогири мухтассоти мазмуну мундариҷаи ғазалҳои Ҳумоми Табрезӣ, нақши ин адиб дар таҳаввули сабки ғазалсароӣ дар адабиёти асри XIII ва ғайра ҷолиби таваҷҷуҳ мебошанд.

**Натиҷаҳои мушаххаси илмӣ (бо нишон додани навгонӣ, аҳаммияти илмӣ ва амалии онҳо), ки барои он ба довталаб додани дараҷаи илмии дархостшаванда мумкин аст.** Навгонии диссертатсия, пеш аз ҳама, дар он зоҳир мешавад, ки бори аввал дар адабиётшиносии тоҷик зиндагиномаи Ҳумоми Табрезӣ, тавсифи нусхаҳои хаттии девони ӯ, таҳқиқи хусусиятҳои ғоявию бадеии ғазалҳо ва ҷанбаҳои мусиқоии онҳо ва ғайра баррасӣ гардидаанд.

**Аҳаммияти назарии** кори таҳқиқии Фатулоҷони Умарзода бо он асоснок мегардад, ки ба хулосаҳои муаллифи диссертатсия зимни таҳқиқи масъалаҳои ҳамгун дар улуми адабиётшиносӣ, сабкшиносӣ, забоншиносӣ ва ғайра метавон такя кард.

**Аҳаммияти амалии** диссертатсияи мавриди назар дар он дида мешавад, ки маводди фароҳамомада, хулоса ва натиҷагириҳои илмии муаллиф дар ҷараёни таълифи китобҳои дарсии таърихи адабиёти форсии тоҷикӣ, тадриси курсу семинарҳои махсус оид ба ғазал ва ҷиҳатҳои шаклии он, навиштани корҳои баъдии номзадӣ, магистрӣ ва рисолаҳои хатм дар факултетҳои равияи филологӣ ёрӣ расонида метавонад.

Диссертатсияи Фатулоҷони Умарзода аз муқаддима, се боб, дувоздаҳ фасл, ду зерфасл, хулоса, китобнома ва тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқ иборат аст. Дар муқаддимаи диссертатсия мубрамии мавзуи таҳқиқ, дараҷаи омӯзиши мавзуъ, робитаи таҳқиқ бо барномаҳои илмӣ, мақсад ва вазифаҳои таҳқиқ, объект ва предмети таҳқиқ, асосҳои методологӣ ва сарчашмаҳои он, равишҳо ва навгониҳои таҳқиқ, нуктаҳои асосии ба ҳимоя пешниҳодшаванда, аҳаммияти назарию амалии таҳқиқ, саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ, тавсиби амалии натиҷаҳои таҳқиқ ва ғайра дар сатҳи лозим нишон дода шудаанд.

Боби якуми диссертатсия «Зиндагинома ва мероси адабии Ҳумоми Табрезӣ» унвон дошта, аз ду фасл ва ду зерфасл иборат аст. Фасли аввали боб «Шарҳи ҳоли илмии Ҳумоми Табрезӣ» унвон дорад, ки дар он шарҳи ҳоли илмии шоир, бо фарогирии марҳилаҳои асосии рӯзгори шоир, баррасии маълумоти муҳаққиқон дар муайян кардани соли таваллуду вафоти шоир, мазҳаб, ахлоқ, ҷаҳонбинӣ, осору ашъори ӯ баррасӣ мегардад. Чунон ки диссертант ишора менамояд, дар бораи ном, лақаб, тахаллус, соли таваллуду вафоти шоир андешаҳои мухталиф мавҷуданд. Бархе номи шоирро Ҳумом ва баъзеҳо Ҳумомуддин ва Муҳаммад гуфтаанд.

Фасли дувуми боби якуми диссертатсия «Мероси адабии шоир» унвон дошта, аз ду зерфасл иборат аст. Дар зерфасли аввали ин фасл нусхаҳои хаттӣ ва чопии девони шоир тавсиф шудаанд ва ба андешаи диссертант, девони Ҳумоми Табрезӣ як сол баъд аз марги ӯ бо амри Рашидуддин Фазлуллоҳи Ҳамадонӣ тадвин шудааст. Дар зерфасли дувуми фасли дувуми боби якуми диссертатсия девони шоир аз рӯйи басомади анвои адабӣ тасниф шудааст. Тибқи маълумоти диссертант, тартиби жанрии девони Ҳумоми Табрезӣ чунин аст: ғазал, қасида, қитъа, рубоӣ, фард, тарҷеъбанд дар сӯги Шамсиддини Соҳибдевон. Ҳамчунин, дар охири ин девон ду маснавии шоир – яке «Суҳбатнома», ки ҳовии 337 байт аст ва дигаре «Китоби маснавиёт», дар баҳри хафиф, ки аз 558 байт иборат аст, низ омадаанд.

Боби дуюми диссертатсияи Фатулоҷони Умарзода «Мундариҷаи ғоявии ғазалиёти Ҳумоми Табрезӣ» унвон дошта, аз чаҳор фасл иборат аст. Дар ин боб масоиле чун шеваҳои офариниши маънӣ дар қолаби ғазал, ишқ дар ғазалиёти шоир, мадҳ дар ғазал афкори дидактикӣ ва ахлоқии шоир дар ғазалҳо таҳқиқ шуда, диссертант дар хусуси ҳар масъалаи ба миёнгузошта баҳсҳо карда, саҳми шоирро дар рушди масоили матраҳ таъйин кардааст.

Диссертант дар хусуси маъниофарии шоир баҳс карда, чунин овардааст: «Ҳумоми Табрезӣ барои тозагии маъно ва тобишҳои нави забони ҳунарӣ, эҷози сухан, дурии парвози мурғи хаёл ва ба ин восита, маърифати ҷаҳони комилан тозаи ҳунарӣ, зеҳни худро барои ҷустуҷӯйи маъниҳои тоза бисёр обутоб медиҳад ва барои хаёлбандӣ, нозукбинӣ, мазмунофаринӣ қолабҳои маъмули тавсирро мешиканад ва чи хеле ки пештар дидем, аз ташбеҳоту истиорот ва тасвироти мукаррар дурӣ ҷуста, бардошти наве аз сухан мекунад. Ҳумом дар иртиботи ҳамешагӣ бо шеъри худ қарор дошта, сари интихоби ҳар як вожаю иборот мунтазам талош ва кӯшиш карда, то қадри имкон аз забони рӯзмарраи роиҷ дурӣ ҷӯяд» (диссертатсия. с. 62)

Боби севуми диссертатсияи Фатулоҷони Умарзода «Хусусиятҳои бадеии ғазалиёти Ҳумоми Табрезӣ» унвон дошта, дар он масъалаҳои марбут ба ин мавзуъ дар панҷ фасл баррасӣ мешавад. Дар ин боб масоиле ба монанди устухонбандии ғазалҳо, ҷанбаҳои мусиқоии ғазалҳо, вазн, қофия ва радиф дар ғазалҳо ва ороёҳои бадеии ғазал матраҳ ва бо мисолҳои дақиқ тавзеҳ шудаанд.

Диссертант ғазалҳои шоирро аз ҷиҳати сохтори бадеӣ жарф омӯхта, навҳои мусалсал, воъеъабанд, якпора ва давриро дар онҳо ҷудо

карда, сухани худро бо овардани мисолҳо истеҳком бахшидааст. Ҳамчунин, диссертант дақиқ кардааст, ки шоир бештар аз саноеъи маънавии тавсиф, ташбеҳ ва анвои он, ҳамчунин, аз истиора, киноя, маҷоз, тазод, талмеҳу иҳом кор гирифта, сухани худро дар сатҳи олӣ ва бо бадеияти том ба хонанда расонидааст.

Хулосаҳо ва натиҷагириҳои диссертант дар бахши «Хулоса»-и диссертатсия дар 11 банд оварда шудааст, ки аксари онҳо натиҷаи баррасиҳои илмии ӯст. Муҳаққиқи ҷавон дар китобнома китобҳо, рисолаҳо ва манбаъу маъхазҳои заруриро ҷой додааст.

Дар диссертатсияи дар баробари дастовардҳои фаровони илмию таҳқиқӣ, баъзе камбудиҳо низ ба назар мерасанд, ки зикри онҳо барои вусъати баъдии кор баманфиат хоҳад буд:

1.Диссертант ҳангоми таҳқиқи ғазалҳои мадҳии шоир намунае аз ғазалҳои Ҳофиз меорад бо чунин матлаъ:

Хусраво, гӯйӣ фалак дар хами чавгони ту бод,
Соҳати кавну макон арсаи майдони ту бод!

Ин порчаи шеърӣ, ки диссертант ба ҳайси намунаи ғазали мадҳии Ҳофиз овардааст, дар чопи девони шоир аз ҷониби Халхолӣ дар қисмати муқаттаот омадааст. Хуб мешуд диссертант қитъа ва ё ғазал будани онро дақиқ мекард.

2.Дар фасли «Мадҳ дар ғазал» диссертант баҳсҳои муфасале мекунад, аммо бо овардани танҳо ду ғазали мадҳӣ кифоят кардааст. Ба назари мо, агар баъзе аз ғазалҳои мадҳии дигари шоир низ таҳлил мешуданд, беҳтар мешуд.

3. Диссертант дар саросари матни диссертатсия ва ҳам автореферати он истилоҳоти адабиёти форсии тоҷикӣ, ҳам адабиёти форсу тоҷик ва ҳам адабиёти форс-тоҷикро истифода кардааст, ки агар гунаи яке аз ин се истилоҳро интихоб мекард, хубтар мешуд

4.Дар бахши дараҷаи таҳқиқи мавзуъ ва бобу фаслҳои диссертатсия насабу номи муҳаққиқон ба шаклҳои гуногун зикр гардида, низоми муайян ба назар намерасад. Чунончи: дар сафҳаи 20-уми диссертатсия ва чанд ҷои дигар Дарвлатшоҳ дар шакли Давлатшо омадааст. Ҳамчунин, дар як ҷо Насридини Тӯсӣ (саҳ 9), ҷои дигар Насираддини Тӯсӣ (саҳ 10) ва ҷоҳои дигар Насриддини Тӯсӣ омадааст. Дар сафҳаи 9-ум ба ҷои Дороюши Сабур Дороиюши Сабур омадааст. Дар баъзе ҷоҳои дигар Қутбиддини Шерозӣ ва дар ҷоҳои дигар Қутбуддини Шерозӣ ва ҷое Рашидуддин Фазлуллоҳ ва ҷое Рашидудини Фазлулоҳ, бо иловаи изофат сабт шудааст.

5.Дар диссертатсия ва автореферат ба ҷойи истилоҳи «услуб» истифодаи «сабк» беҳтар мебуд. Услуб бештар зимни таҳқиқи забоншиносӣ ба кор меравад, дар адабиётшиносӣ бошад, сабк маъмул аст.
6.Дар қисмати «Рӯйхати адабиёт» як ҷо Ғаззолӣ ба як «з» ва ҷои дигар бо ду «з» навишта шудааст (диссертатсия. саҳ. 179). Ҳамчунин, ҳангоми овардани чопи тоҷикии «Тазкират-уш-шуаро»-и Давлатшоҳи Самарқандӣ, ки дар Хуҷанд сурат гирифтааст, агар мураттибон ва баргардонкунандагони он аз форсӣ ба кириллӣ оварда мешуд, хубтар мешуд, чунки ба ин восита хадамоти онҳо низ қадр мешуд (диссертатсия. саҳ. 179).

Аммо бояд зикр кард, ки камбудиҳои зикргардида ҷузъӣ буда, ба ҳеч ваҷҳ арзиши илмӣ- таҳқиқотии кори илмии анҷомёфтаро халалдор намесозанд.

**Мутобиқати тахассуси илмии довталаб бо дараҷаи илмӣ.** Диссерататсияи Фатулоҷони Умарзода дар мавзуи «Ҳумоми Табрезӣ ва хусусиятҳои ғоявию бадеии ғазалиёти ӯ» ба талаботи бандҳои 31, 33-35-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти рақами № 267 тасдиқ шудааст, мувофиқ буда, муаллифи он барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ, аз рӯйи ихтисоси 10.01.01 – Адабиёти тоҷик; равобити адабӣ сазовор мебошад

Автореферати диссертатсия ва маводди интишорнамудаи муаллиф фарогири муҳтавои асосии диссертатсия мебошанд. Доир ба фаслу бобҳои алоҳидаи кор диссертант 8 мақолаи илмӣ интишор кардааст, ки 6 номгӯйи он дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба табъ расидаанд.

**Хулоса,** диссертатсияи Фатулоҷони Умарзода – «Ҳумоми Табрезӣ ва хусусиятҳои ғоявию бадеии ғазалиёти ӯ» бо аҳаммият ва мубрамии мавзуъ, навгониҳои илмӣ, арзиши назарию амалӣ ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон комилан мувофиқ буда, муаллифи он ба дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.01.01 – Адабиёти тоҷик; равобити адабӣ сазовор аст.

Тақризи муассисаи пешбар дар асоси муқаррароти бандҳои 76-79 ва 81-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30.06.2021, № 267 тасдиқ гардидааст, таҳия ва пешниҳод шудааст.

Тақриз аз ҷониби доктори илмҳои филологӣ, профессори кафедраи назария ва таърихи адабиёти факултети филологияи тоҷики Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ Элбоев Вафо Ҷӯрақулович омода гардида, дар ҷаласаи кафедраи мазкур санаи 27-уми декабри соли 2024 муҳокима ва тасдиқ шудааст.

Дар ҷаласаи кафедра иштирок доштанд: 14 нафар. Натиҷаи овоздиҳӣ: тарафдор – 14 нафар, зид – «нест», бетараф – «нест».

Суратҷаласаи № 5, аз 27.12.2024.

**Раиси ҷаласа:**
доктори илмҳои филологӣ, профессор,
мудири кафедраи назария ва таъихи
адабиёти Донишгоҳи давлатии омӯзгории
Тоҷикистон ба номи Садридидн Айнӣ Солеҳов Шамсидди Аслиддинович

**Эксперт:**
доктори илмҳои филологӣ, профессори
кафедраи назария ва таърихи адабиёти
Донишгоҳи давлатии омӯзгории
Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ Элбоев Вафо Ҷӯрақулович

**Котиби илмии ҷаласа:**
номзади илмҳои филологӣ, дотсенти
кафедраи назария ва таърихи адабиёти
Донишгоҳи давлатии омӯзгории
Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ Шоев Абдуҳамид Абдунабиевич

**Имзоҳои Ш. А. Солеҳов, В. Ҷ. Элбоев ва А. А. Шоевро тасдиқ мекунам:**
сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси
Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон
ба номи Садриддин Айнӣ Мустафозода Абдукарим

**Суроғаи муассисаи пешбар:**
734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 121.
Тел.: +992(37) 224-13-83; +992(37) 224-18-01.
E-mail: info@tgpu.tj; сомонаи расмӣ: www.tgpu.tj

« 27» декабри соли 2024.